Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №113 (2940) | ЧОРШАНБЕ, 12 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Бақои миллат ва иқтидори давлат аз пойдориву устувории сулҳу субот вобаста аст

**Паёми телевизионӣ бахшида ба 21 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон**

*ш.Душанбе, 8 сентябри соли 2012*



**Ҳамватанони азиз!**

Бисту як сол муқаддам дар диёри бостонии мо рӯйдоди таърихие ба вуқӯъ омад, ки он дар тақдири мардуми сарзамини куҳанбунёди мо таҳаввулоти куллӣ ва бунёдӣ ба вуҷуд овард.

Яъне, нуҳуми сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон боз як давлати ҷавон – Тоҷикистони соҳибистиқлолу соҳибихтиёр арзи вуҷуд кард ва ин рӯйдоди таърихӣ бошорати оғози марҳилаи наву тоза дар ҳаёти миллати тоҷик гардид. Ва имрӯз мову шумо дар арафаи таҷлили ин ҷашни муқаддасу муътабар ва ҳамзамон бо ин, падидаи нодири таърихи давлатдории навинамон - бистуяксолагии эълони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қарор дорем.

Ба муносибати ин ҷашни бузурги миллӣ бо камоли ифтихору сарфарозӣ ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона ва сидқан табрик мегӯям.

Истиқлолият арзишмандтарин дастоварди мардуми фарҳангиву сулҳхоҳи Тоҷикистон ва давлати тоҷикон дар интиҳои асри гузашта ба ҳисоб меравад.

Имрӯз ҳамаи мо шоҳидем, ки аз баракати ин неъмати бебаҳо кишвари соҳибихтиёри мо дар масири ду даҳсолаи охир пайгирона то ба зинаи давлатдории муосир расид ва ҳоло ба сӯйи марҳилаи тозаи инкишофи хеш, таҳкиму тақвияти аркони давлатдории мустақили худ ва торафт беҳтар намудани зиндагии сокинони мамлакат бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Истиқлолияти давлатӣ натиҷаи мантиқии талошу муборизаҳои фидокоронаи халқи озодихоҳу тамаддунсоз ва бонангу шарафманди тоҷик дар роҳи пуршебу фарози таърихи тӯлонии худ мебошад.

Ҳамаи мо аз таърихи пурифтихори халқамон хуб медонем, ки андешаи истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, талоши расидан ба давлатдории мустақили миллӣ ва орзуву ормони озодандешӣ дар зеҳни миллати истиқлолхоҳи мо ва фарзандони некному хирадманди он дар тӯли садсолаҳо зинда буд.

Бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини солҳои аввали истиқлолият ва ҳодисаву рӯйдодҳои фоҷиабори он давра мо тавонистем бо такя ба таъриху суннатҳои қадимаи давлатдорӣ ва фарҳангу анъанаҳои пурғановати миллиамон асосҳои давлати муосирро фароҳам созем.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф кардааст, ба мақоми он арҷ мегузорад ва ташаббусҳои созандаашро ба хотири ҳаллу фасли масоилу мушкилоти гуногуни сайёра дастгирӣ менамояд.

Вақте мо доир ба нақши сарнавиштсози истиқлолият дар ҳаёти ҷомеа ва давлат сухан мегӯем, бояд масъалаи сарҷамъиву иттиҳоди миллат, ваҳдати миллӣ, инчунин аҳамият ва зарурати ҳифзи ин неъмати ниҳоят муқаддаси халқамонро ҳеҷ гоҳ аз мадди назар дур насозем.

Аз ин лиҳоз, баробари ба ҷо овардани шукронаи соҳибватанӣ ва ифтихор кардан аз Тоҷикистони соҳибистиқлол қарзи имонии ҳар яки мост, ки тамоми кӯшишамонро ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, сарҷамъии миллат ва ободии имрӯзу фардои кишвар сафарбар намоем.

Ҳамзамон бо ин, нагузорем, ки андешаҳои бегонапарастӣ, ифротгароиву тундравӣ ва таассубу тахрибкорӣ ба тафаккури мардуми мо ва бахусус наврасону ҷавонон нуфуз пайдо кунанд. Зеро сарҷамъии миллат, сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсиву иҷтимоӣ аз ҷумлаи шоҳсутунҳои кохи мухташами истиқлол, сарчашмаи бахту иқболи халқи тоҷик ва кафолати рушди муназзаму устувори давлати тоҷикон мебошад.

Бақои миллат ва иқтидори давлат аз пойдориву устувории сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ вобаста аст ва дарки ҳамин арзиши ҳаётӣ миллати бостонии моро дар раванди рӯйдодҳои фоҷиабори ибтидои давраи соҳибистиқлолӣ аз парокандагиву пошхӯрӣ эмин нигоҳ дошт.

Соли равон мо бистумин солгарди баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар радифи Ҷашни истиқлолияти давлатиамон барои мо мақому манзалати шоиста дорад, таҷлил менамоем.

(Идома дар саҳ. 2)

## Дар бораи Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 14 сентябри соли 2012 соати $9^{00}$ дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-13 сентябри соли 2012 аз соати $8^{00}$ то соати $17^{00}$ дар бинои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи дуюм, утоқи №231 ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо: 221-81-28; 227-18-98.



Суратгир А. ИСОЕВ

## Шукурҷон Зуҳуров ба унвони Сафири сулҳ мушарраф гардид

**11 сентябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров Дабири кулли шуъбаи АвруОсиёии Федератсия барои сулҳи саросарӣ Жак Марионро ба ҳузур пазируфт.**

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат Шукурҷон Зуҳуров Жак Марион ва ҳайати ҳамроҳонашро самимона пазироӣ карда, изҳори боварӣ намуд, ки сафарашон дар Тоҷикистон бобарор анҷом ёфта, аз ин кишвар ва мардуми он таассуроти неке бо худ хоҳанд бардошт. Вай дар ҷараёни суҳбат, аз ҷумла изҳор дошт, ки Тоҷикистон, ки ҷанги ҳамватаниро аз сар гузаронидааст, имрӯз моҳияти арзиши сулҳ – ин неъмати гаронбаҳоро хуб дарк менамояд.

-Ман тайи чанд сол ҳамчун масъули ҷараёни гуфтушуниди байни тоҷикон ва Комиссияи оштии миллӣ будам ва масъалаи сулҳ ба дилу ҷони ман хеле қарин аст, -гуфт Шукурҷон Зуҳуров.

Раиси Маҷлиси намояндагон ҳамчунин аз Жак Марион хоҳиш намуд, нисбати вафоти бунёдгузори Федератсияи сулҳи саросарӣ Мун Сон Мён, ки чанде пеш аз олам даргузашт, таъзияи ӯ ва Парламенти Тоҷикистонро ба наздикони марҳум бирасонад.

Дабири кулли шуъбаи АвруОсиёии Федератсия барои сулҳи саросарӣ Жак Марион барои пазироӣ ва суҳбати пурмуҳтаво ба Раиси Маҷлиси намояндагон арзи сипос намуда, роҷеъ ба фаъолияти ин созмони ғайритиҷоратӣ, ки ҳадафаш мусоидат намудан ба сулҳи саросарӣ дар рӯйи дунё мебошад, маълумот дод.

-Федератсия бисёр шахсиятҳои дар ҷаҳон шинохтаро ҳамчун сафирони сулҳ дар сафҳои худ муттаҳид намудааст, ки онҳо ҷиҳати ноил шудан ба сулҳи воқеӣ ва шукуфоии саросарии рӯҳонӣ саъю талош менамоянд,- гуфт ӯ.

Жак Марион Раиси Маҷлиси намояндагонро ба Ҳамоиши сафирони сулҳ, ки аввали соли 2013 баргузор мегардад, даъват намуд.

Дар охир Жак Марион ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров барои саъю талош ва хидматҳояш дар кори сулҳ шаҳодатномаи Сафири сулҳи Федератсия барои сулҳи саросариро супурда, изҳор дошт, ки мо аз хидматҳои Шумо ва саъю талошатон дар роҳи расидан ба сулҳи миёни тоҷикон огоҳ ҳастем.

Дар суҳбат ассистенти Дабири кулли шуъбаи АвруОсиёии Федератсия барои сулҳи саросарӣ Константин Крылов, намояндаи UPF дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Феликс Берингов, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфулло Сафаров иштирок доштанд.

***Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Номаҳои табрикотӣ

**Ба муносибати 21-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сарони давлатҳои хориҷӣ ва ҳукуматҳо, роҳбарони созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, раисони созмонҳои ҷамъиятӣ номаҳои шодбошӣ ворид гардида истодаанд.**

**Дар паёми шодбошии Президенти Федератсияи Россия Владимир Владимирович Путин омадааст:**

«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!

Ба муносибати иди миллии ҷумҳурӣ - Рӯзи Истиқлолият табрикоти самимонаро қабул фармоед.

Тоҷикистон тайи солҳои охир дар роҳи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими давлатдорӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Обрӯйи кишвар дар арсаи ҷаҳон баланд аст.

Бо камоли қаноатмандӣ изҳор менамоям, ки муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон, ки тибқи анъаноти пойдори дӯстӣ ва эҳтироми мутақобилаи халқҳоямон асос ёфтаанд, ба таври мусбат рушду густариш меёбанд. Муколамаи судманди сиёсӣ ва ҳамкории самарабахши тиҷоратию иқтисодӣ рушд ёфта, ҳамкорӣ дар ҳошияи сохторҳои бисёрҷонибаи ҳамгироӣ фаъол мегардад. Аминам, ки мо бо саъю кӯшишҳои якҷоя тамоми маҷмӯи равобити ҳамкориро минбаъд ҳам ба таври самарабахш вусъат мебахшем.

Ба Шумо, мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович, тансиҳатии бардавом, саодату комрониҳо ва ба ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон сулҳу шукуфоиро таманно дорам».

**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Барак Обама дар барқияаш гуфтааст:**

«Муҳтарам ҷаноби Президент!

Мардуми Амрико дар табрикоти ман ба унвони мардуми Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи Истиқлолият, ки 9 сентябр таҷлил мегардад, шарик аст. Мо ҳамкории мустаҳками худро баланд арзёбӣ намуда, интизори онем, ки дар оянда низ ҳамроҳ кор кунем.

Ба Шумо ва халқи Тоҷикистон ҷашни хушу хурсандонаро таманно дорам».

**Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Тзинтао дар номаи шодбошии худ ба унвонии Сарвари давлати мо чунин менигорад:**

«Ба муносибати 21 - солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва халқи Хитой, ҳамчунин шахсан аз номи худам табрикоти самимона ва орзуҳои беҳтаринро ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи тоҷик иброз медорам.

Тоҷикистон дар давоми 21 соли Истиқлолияти давлатӣ бо роҳбарии Шумо роҳи ноҳамвори тараққиётро тай намуда, дар сохтмони давлат ба муваффақиятҳои зиёде ноил гардид, ки ҷониби Хитой ҳамчун ҳамсояи дӯсти Тоҷикистон аз ин сидқан шод мешавад.

Аминам, ки халқи тоҷик бо роҳбарии Шумо дар кори бузурги рушду тақвият бахшидани давлати худ ҳатман ба дастовардҳои наву наҷиб ноил мегардад. Хитою Тоҷикистон дар давоми 20 соли барқароршавии робитаҳои дипломатӣ ҳамеша тамоюли хуби рушди солиму устуворро нигоҳ медоранд.

Ҷонибҳо ба якдигар боварии амиқи сиёсӣ доранд, ҳамкории мутақобилан муфиди иқтисодиро роҳандозӣ мекунанд, аз ҷумла бисёр лоиҳаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодиро дар амал татбиқ намудаанд, ки ба ҳаёти халқ фоида овардаанд. Ҷонибҳо якдигарро аз рӯйи масъалаҳои муҳими марбут ба манфиатҳои куллиашон устуворона дастгирӣ менамоянд. Дар доираҳои СММ, СҲШ ва созмонҳои дигари бисёрҷониба зич ҳамкорӣ намуда ва онро ҳамоҳанг месозанд.

Моҳи июни соли равон Шумо, Ҷаноби Олӣ, дар Хитой сафари муваффақонаро анҷом дода, дар Ҳамоиши СҲШ дар Пекин иштирок намудед. Мо гуфтушунидҳои самарабахш гузаронида, аз рӯйи масъалаи густариши минбаъдаи муносибатҳои ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкории Хитою Тоҷикистон ба фикри ягонаи муҳим расидем.

Ман омодаам, ки ҳамроҳи Шумо, Ҷаноби Олӣ, барои муттасил ба зинаи нав баровардани муносибатҳои Хитою Тоҷикистон ба нафъи ҳар ду кишвар ва халқҳои онҳо саъю кӯшишҳои умумиро ба харҷ диҳам.

Ба давлати Шумо шукуфоӣ ва ба халқи тоҷик саодатмандӣ орзу мекунам.

Ба Шумо тансиҳатии бардавом ва беҳбудии бепоёнро таманно дорам».

**Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун зимни табрикоти хеш овардааст:**

«Ҷаноби Олӣ!

Хеле шарафмандам, ки ба муносибати Рӯзи Истиқлолият табрикоти самимонаамро ба Шумо, Ҳукумат ва ба ҳамаи халқи Тоҷикистон иброз медорам.

Фикр мекунам, ки ин ид имконияти таҷлил намудани фарҳанги олӣ ва таърихи кишвари Шумост. Ин ҳамчунин имконияти қайд намудани мақомест, ки Тоҷикистон онро дар ҷаҳони бо ҳамдигар алоқаманди мо дорост. Ман ҳамкории Шуморо бо Созмони Милали Муттаҳид, ки барои пайдо намудани роҳҳои ҳалли умумии ситезаҷӯйиҳои пешорӯямон кӯмак менамояд, ба дараҷаи баланд қадр мекунам.

Рӯзномаи ҷаҳонии мо панҷ имконияти замонамонро барои фароҳам овардани оянда дар бар мегирад, ки мо хоҳони онем: таъмини рушди устувор, эъмори ҷаҳони бехатар, ҷилавгирии бухронҳо, ёрӣ ба кишварҳои рӯ ба гузаришниҳода ва барои занону ҷавонон фароҳам овардани имкониятҳои бештар.

Аминам, ки барои тоб овардан ба ин ситезаҷӯйиҳо мо бояд Созмонамонро таҳким бахшем. Созмони Милали Муттаҳиди бештар фаъолу самарабахш унсури зарурии ҳалли мушкилоти умумиҷаҳонист.

Дар робита бо ин, ман саҳму ҷонибдорӣ ва сарварии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷустуҷӯямон ҷиҳати ба даст оварданиояндаи бештар одил ва босуботу шукуфон барои ҳамаи мардум мақбул дорам.

Ҷаноби Олӣ, эҳтироми бепоёни маро қабул фармоед».

(Идома дар саҳ. 2)

**● Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Кодекси нави андоз бартариҳои зиёд дорад

**Ёздаҳуми сентябри соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Бахтиёр Худоёров ҷаласаи кумита баргузор гардид.**

Дар ҷаласа масъалаҳо оид ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтар» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бахтиёр Худоёров зимни баррасии масъалаи аввал аз бартариҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод шуда, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 5 сентябри соли 2012 қабул гардидааст, дар муқоиса бо Кодекси амалкунанда ёдовар шуда, аз ҷумла чунин зикр намуд: «Тавре иттилоъ доред, барои таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав як комиссияи босалоҳияте аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор, корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шуда буд. Комиссияи мазкур дар ду зина ҳам дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар алоҳидагӣ дар ин самт фаъолияти густурдаро анҷом дод. Дар натиҷа, матни Кодекс хеле содда гардонда, дар ҳаҷми се боб ва чилу ду модда кӯтоҳ карда шуд. Номгӯйи андозҳо бошад, то 50 фоиз кам гардида, аз 21 намуд ба 10 намуд ва андозҳои маҳаллӣ аз чор намуд то ба ду намуд поён фароварда шуданд».

Аъзои кумита Сайдулло Хайруллоев, Қаҳҳор Маҳкамов, Саидумрон Абдураҳмонов ва дигарон низ атрофи ин масъала ва масъалаи дуввуми рӯзнома андешаҳояшонро иброз дошта, қабули онҳоро маъқул донистанд.

Дар робита ба масъалаҳои баррасишуда хулосаҳои кумита қабул ва ҷиҳати ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

***Неъматулло СОЛЕҲОВ, «Садои мардум»***

# Бақои миллат ва иқтидори давлат аз пойдориву устувории сулҳу субот вобаста аст

(Идома аз саҳ. 1)

Маҳз қарорҳои тақдирсози иҷлосияи мазкур барои миллати азияткашидаи мо фазои расидан ба ризоияти миллӣ ва сулҳу суботро фароҳам оварданд.

Имрӯз Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилоти давраи ҷаҳонишавӣ ба марҳалаи сифатан нави тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии худ ворид гардидааст, ки пайгирона вусъат бахшидани ислоҳот, таъмин намудани самаранокии татбиқи он, рушди устувори иқтисодӣ ва бо ҳамин роҳ зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва фароҳам овардани шароит барои рӯзгори шоистаи шаҳрвандони мамлакат вазифаҳои асосии ин давраи рушд мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти ҳамаҷонибаи соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа – илму маориф, тандурустиву фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоиро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Зеро ҷиҳати соҳиб шудан ба мақоми арзанда дар арсаи байналмилалӣ ба ҳар яки мо зарур аст, ки фаъолияти худро бо дарназардошти талаботи замони муосир ба роҳ монда, ҳамаи имкониятҳоямонро барои тарбия ва ба воя расонидани насли созандаву бофарҳанг ва ватандӯсту ободгар, яъне соҳибони ояндаи марзу буми аҷдодӣ, инчунин тайёр кардани кадрҳои соҳибмаърифату баландихтисос равона созем. Имрӯз ба таърихи бистуяксолаи давлати навини хеш назар андохта, бо ифтихору сарфарозӣ гуфта метавонем, ки мо дар ин муддат бо татбиқи нақшаву барномаҳои созандаамон дар роҳи эъмори Тоҷикистони нав - давлати орзу ва армонҳои миллӣ ва ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хеле дастовардҳои назаррас ноил гардидем.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни дунё торафт вусъат пайдо карда истодаанд. Вале бояд гуфт, ки кишвари мо чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз равандҳои олами муосир берун буда наметавонад.

Дар чунин шароит амиқ дарк кардани ҳадафҳои пешрафти кишварамон, таҳкими дастовардҳои таърихӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатамон дар арсаи байналмилалӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар яки мо мебошад.

Дар баробари ин, мо ҳамеша хоҳони онем, ки кишвари мо ва минтақае, ки мо дар он зиндагӣ дорем, ободу пешрафта бошад, сатҳи зиндагии мардумонаш торафт беҳтар гардад, инчунин сарватҳои табиии минтақа ба манфиат ва пешрафти ҳамаи сокинони он самарабахшу оқилона истифода шаванд.

Зеро асоси густариши ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии миёни давлатҳо ва тақвияти муносибатҳои минтақавӣ дар заминаи манфиатҳои муштарак ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар баробари ин, авзои зудтағйирёбандаву бесуботи ҷаҳони муосир, буҳронҳои фарогири молиявию иқтисодӣ ва дигар проблемаҳои глобалӣ, аз ҷумла гармшавии иқлими сайёра ва мушкилоту проблемаҳои бо он вобаста моро водор месозанд, ки ба хотири ободиву пешрафти Ватани азизамон боз ҳам бештар заҳмат кашем, аз захираву имкониятҳои дар ихтиёр доштаамон оқилонаву самаранок истифода намоем, сарфаю сариштакор бошем, наслҳои наврас ва ҷавононро дар рӯҳияи дӯст доштани илму дониш, худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия кунем.

Итминони комил дорам, ки ҳар фарди худогоҳ ва бонангу номуси миллат ба қадри соҳибихтиёриву соҳибдавлатӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа мерасад, истиқлолияту озодии сарзамини аҷдодиро чун гавҳари бебаҳо ва неъмати азизу муқаддас эҳтиёт мекунад.

Дар шароити имрӯза ба ҳар шахси соҳибватан зарур аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳад, ба доми фиреби бадхоҳони миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон гирифтор нагардад ва ҳамеша барои ҳифзу пойдории манфиатҳои олии миллат ва давлат ҳушёру омода бошад.

Бовар дорам, ки ба шукронаи соҳибдавлативу соҳибватанӣ ҳисси муҳаббат ва садоқати мардуми меҳанпарвару заҳматқарини тоҷик ба Тоҷикистони азизу соҳибистиқлоламон рӯз ба рӯз бештару самимитар мегардад ва мардуми бонангу номуси мамлакат барои пешрафти Ватани азизу маҳбубамон ва сарзамини муқаддаси аҷдодиамон минбаъд низ азму талоши худро дареғ намедоранд.

Бигзор, ормонҳои волои истиқлолият ва ҳадафҳои наҷиби созандагӣ илҳомбахши ояндаи нек ва зиндагии шоистаи мардуми мо бошанд!

Бигзор, нури истиқлол барои мо – тоҷикон чароғи раҳнамо ба сӯйи фатҳу нусратҳои оянда гардад!

Бори дигар кулли шаҳрвандони азизи кишвар ва ҳамаи ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори бистуякумин солгарди бузургтарин ҷашни миллӣ - Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон табрик гуфта, ба ҳар як хонадони тоҷик сулҳу оромӣ, рӯзгори осуда, хушбахтиву иқбол ва барори кор орзумандам.

**Ҳамеша сарбаланду хонаобод бошед, ҳамватанони азиз!**

# Тантанаҳои идона бахшида ба солгарди 21-уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон

**9 сентябри соли 2012 тантанаҳои идона бахшида ба солгарди 21-уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе баргузор гардид.**

Зимни суханронии кӯтоҳу пурмуҳтавои худ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Истиқлолияти давлатиро дастоварди беҳтарини миллати тоҷик дар таърихи муосири Тоҷикистон ва арзишмандтарини ҷашнҳои умумимиллии кишвар арзёбӣ намуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз арзишҳои волои истиқлолият, давлатдории мустақили миллӣ ва рушди худшиносию худогоҳии мардуми сарфарози тоҷик ёдовар шуда, ҳамагонро ба пойдору устувор гардондани дастовардҳои давлату миллат дар зарфи 21 соли рушди мустақили Тоҷикистони азиз, ҳифзи оромию субот дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва тарғибу ташвиқи ҳаёти озоду пурсаодат ҳидоят намуд.

Тантанаҳои идона бахшида ба солгарди 21-уми Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз бо намоиши пуршукуҳи театрикунондашуда ва базми суруду мусиқии аҳли фарҳангу санъат ва шодию сарфарозии намояндагони сершумори тамоми қишрҳои ҷомеаи кишвар идома ёфт.

*www.prezident.tj*

# Номаҳои табрикотӣ

(Идома аз саҳ. 1)

**Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко чунин номаи шодбошӣ ирсол намудааст:**

«Ҷаноби Олӣ!

Ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрикоти самимиро аз номи халқи Ҷумҳурии Беларус ва шахсан аз ман қабул фармоед.

Мақоми Тоҷикистони соҳибихтиёр дар арсаи ҷаҳон сол аз сол ба таври назаррас мустаҳакам мегардад, дастовардҳои наву намоён дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба назар мерасанд.

Аминам, ки муносибатҳои дӯстӣ ва мушорикати мутақобилан муфиди байни Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нафъи халқҳоямон рушду густариш меёбанд.

Ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, дар фаъолияти масъулиятнокатон дар мансаби Роҳбари давлат аз сидқи дил тансиҳатии бардавом ва комёбиҳо ва ба халқи тоҷик сулҳу шукуфоиро таманно дорам».

**Абдулло Гул- Президенти Ҷумҳурии Туркия Сарвари давлати моро чунин шодбош гуфтааст:**

«Муҳтарам ҷаноби Президент, бародари азизам!

Шуморо, Ҷаноби Олӣ ва ҳамаи халқи тоҷикро аз самими қалб бо Рӯзи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборакбод менамоям.

Боварии комил дорам, ки муносибатҳои зичи дӯстию бародарии байни халқҳоямон, ки решаҳои қадимии таърихию фарҳангӣ доранд, бо саъю кӯшишҳои умумӣ минбаъд ҳам дар ҷанбаҳои гуногун ҳар чӣ бештар рушду густариш меёбанд.

Аз фурсат истифода намуда, хоҳиш мекунам орзуҳои беҳтарини маро дар амри тансиҳатӣ, саодати бародари азизам - Шумо, Ҷаноби Олӣ ва беҳбудию шукуфоии халқи тоҷик қабул фармоед».

**Дар табрику таҳнияти Президенти Украина Виктор Янукович чунин омадааст:**

«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!

Аз номи халқи Украина ва шахсан аз номи худам Шуморо ба муносибати рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳният мегӯям.

Дар соли равон бо талошҳои якҷояамон дар рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи халқҳои украину тоҷик дар ҳама соҳаҳо тадбирҳои афзун анҷом дода шуданд.

Аминам, ки санадҳои мувофиқашуда ба таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ заминаи фаъол гузошта, ҷиҳати болоравии иқтисоди миёни кишварҳо ва некуаҳволии халқҳоямон таъсири амиқ хоҳад расонд.

Ба Шумо, муҳтарам ҷаноби Президент тансиҳатии комил, дар фаъолияти пурмасъули давлатӣ барору пешрафт ва ба халқи дӯсти Тоҷикистон – сулҳ, амонӣ ва пешрафту сарфарозиро таманно дорам».

**Президенти Ҷумҳурии Корея Ли Мён Бак дар барқияи шодбошии худ зикр менамояд:**

«Муҳтарам Ҷанобӣ Олӣ!

Аз номи Ҳукумат ва халқи Ҷумҳурии Корея табрикоти самимона ва беҳтарин таманниёти моро ба муносибати иди миллӣ- Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул фармоед.

Бо қаноатмандӣ таъкид менамоям, ки дар чанд соли охир ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳо ва ҳамраъйии миёни халқҳоямон ба рушди воқеӣ ноил гардидем. Боварии амиқ дорам, ки муносибатҳои неку дӯстонаамон минбаъд низ дар соҳаҳои гуногун ба манфиати халқҳоямон таҳкиму тавсеа хоҳанд ёфт.

Ба Шумо, муҳтарам Ҷаноби Олӣ, саодату бардамӣ ва дар корҳои созандагиатон муваффақиятҳо хоҳонам».

**Подшоҳи мамлакати Арабистони Саудӣ, Ходими Ҳарамайни Шарифайн Абдуллоҳ ибни Абдулазиз Оли Сауд дар номааш гуфтааст:**

«Ҷаноби Олӣ, бародари гиромӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Худо нигаҳбонатон бошад!

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Ва баъд:

Боиси хушнудии мост, ки ба муносибати таҷлили Рӯзи Истиқлолияти кишваратон самимонатарин табрикотро бо беҳтарин орзумандиҳо барои офияту саодатмандии Шумо ва бо таманнои пешрафту шукуфоии пай дар пай ба халқи бо мо бародари Тоҷикистон, аз номи мардуму Ҳукумати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва аз номи худамон ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, изҳор медорем.

Ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, паёму қадрдонии хешро иброз менамоем».

**Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ зимни табрикоти хеш овардааст:**

«Ҷаноби Олӣ, бародари гиромӣ Эмомалӣ Раҳмон!

Бо камоли мамнуният ва сарфарозӣ Шумо, бародари азиз, мардум ва Ҳукуматро бо фарорасии 21-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният мегӯям.

Боиси қаноатмандии амиқ аст, ки муносибатҳои дуҷонибаи мо чараёни рушди сареъро дар тамоми соҳаҳо касб кардаанд. Ман омодагии хешро барои саъю талошҳои муштараки минбаъда бо бародари худ ҷиҳати боз ҳам мустаҳкамтар гардонидани муносибатҳои дӯстонаамон иброз менамоям.

Таҳти роҳбарии хирадмандонаи Шумо имрӯз Тоҷикистон тавонистааст қадам ба рушду густариш ниҳад. Мо таҳти сарпарастӣ ва ҳидояти Шумо рушди назарраси Тоҷикистонро мушоҳида менамоем.

Ман ба сафари дарпешистодаи бародари худ ба Покистон ҷиҳати иштирок дар Саммити чоргона, ки 2-3 октябри соли 2012 доир мегардад, назари нек дорам. Ин рӯйдод барои мо имконияти муносиберо барои мубодилаи афкор атрофи масоили минтақавӣ ва баррасии муносибатҳои дуҷониба фароҳам меорад.

Ман ба Шумо, бародари гиромӣ ва ба мардуми тоҷик сиҳатии комил, рушду рифоҳ ва инкишофи минбаъда таманно дорам.

Ҷаноби Олӣ, олитарин эҳтироми маро қабул фармоед».

**Дар паёми шодбошии Президенти Туркманистон Гурбангули Бердимуҳамедов, ки ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ворид гардидааст, чунин омадааст:**

«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!

Бо қаноатмандии зиёд ба Шумо ва дар шахси Шумо ба халқи дӯсти тоҷик ба ифтихори рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрикоти самимонаи худро ирсол менамоям.

Дар Туркманистон сатҳи муносибатҳои дуҷонибаи байни кишварҳоямонро баланд арзёбӣ мекунанд. Боварии амиқ дорам, ки дар оянда низ рушди афзоянда ва таҳкими ин муносибатҳо ба манфиати халқҳои Туркманистону Тоҷикистон хоҳад буд.

Бо истифода аз ин имконияти мусоид аз самими қалб ба Шумо сиҳатии комил, саодат ва фароҳмандӣ, ба мардуми дӯсти Тоҷикистон – сулҳ, тараққиёт ва шукуфоӣ таманно дорам».

**Алмазбек Атамбаев- Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон зимни табрикоти худ овардааст:**

«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Шуморо самимона ба муносибати иди миллӣ- Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодбош мегӯям.

Тоҷикистон яке ҳамкорони наздик ва қадимии Қирғизистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ки робитаҳоямон ҷавобгӯйи дурнамои бесобиқаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон маҳсуб меёбад.

Боварӣ дорам, ки муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкориҳои ба ҳар ду ҷониб манфиатноки миёни Қирғизистон ва Тоҷикистон дар оянда низ ба манфиати халқҳоямон рушд ва таҳким хоҳанд ёфт.

Бо истифода аз ин фурсат ба Шумо, муҳтарам Президент, сиҳатии комил, шодкомӣ ва дар фаъолияти давлатиатон барору муваффақият, ба мардуми бародари Тоҷикистон бошад, сулҳу салоҳ, фароҳмандӣ ва шукуфоӣ таманно дорам».

Номаҳои табрикотӣ ҳамчунин аз Маликаи Нидерландия – Беатрикс, Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб – Халифа бин Зойид Оли Наҳаён, Ноиби Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб – Муҳаммад бин Рошид Оли Мактум, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон – Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Ислом Каримов, Раиси Шӯрои Давлатӣ ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Куба – Раул Кастро Рус, Папаи Рум – Бенедикти XVI, Роҳбари исмоилиёни ҷаҳон – Шоҳзода Карим Исмоил Оғохони IV, Роҳбари Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи превентивӣ барои Осиё Марказӣ – Мирослав Енча, Президенти Конфедератсияи Шветсария –Эвелине Видмер-Шлумпф, Президенти Гурҷистон- Михаил Саакашвилӣ, Фармондори кулли Австралия- Хонум Квентин Брайс ва дигарон расиданд.

Вуруди барқияҳои шодбошӣ ба унвонии Президенти мамлакат ба муносибати 21-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома доранд.

*www.prezident.tj*

**● Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Суратгир А. ИСОЕВ

# Танзими муносибатҳои байни давлат ва андозсупоранда такмил меёбанд

**12 сентябри соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Саидмурод Тағоев ҷаласа доир гашт.**

Ба рӯзномаи ҷаласа як масъала дохил карда шуд: Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Раиси кумита Саидмурод Тағоев дар бораи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал сухан ронд. Аз ҷумла зикр гардид, ки зарурати қабули Кодекси мазкур аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012, ки дар он баҳри рушди иқтисодиёт андешидани тадбирҳои муасcир, аз ҷумла оид ба дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд намудани маҳсулоти дохилӣ таъкид гардидааст, бармеояд.

Ин Кодекс муносибатҳоро оид ба муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан, ҳисоб ва пардохти андозҳо, инчунин муносибатҳои байни давлат ва андозсупорандаро вобаста ба иҷрои ухдадориҳои андоз танзим менамояд.

Инчунин Кодекси андоз бо мақсади дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ тавассути бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини шаффофияти андозбандӣ, оммафаҳм ва содда намудани тартиби пардохти андозҳо, баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андозбандӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои рӯйпушкунии андоз қабул гардидааст.

Ҳамзамон як қатор муносибати вобаста ба ситонидани боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, боҷҳои гумрукӣ, андозҳо аз молҳо ва воситаҳои нақлиёти тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолёбанда бо Кодекси мазкур ва дигар қонунҳои дахлдор ба танзим даровaрда мешаванд.

Ҷиҳати ҷонибдории Кодекси андоз хулосаи кумита қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

**● Вакил ва интихобкунанда**

# Вохӯриҳо робитаҳоро тақвият мебахшанд



**Сафари вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани мулоқот бо интихобкунандагони худ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оғоз ёфт.**

Аз ҷумла дар доираи ин вохӯриҳо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Махфират Хидирова ва Шарофиддин Сироҷов дар ноҳияи Ҳисор бо интихобкунандагон ва фаъолон вохӯриҳо анҷом доданд. Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни ин мулоқот дар баробари ба интихобкунандагон пешниҳод намудани маълумот роҷеъ ба фаъолияти намояндагии худ, ҳамчунин ба масъалаҳои марбут ба илму маориф, аз ҷумла ҷалби ҷавонону духтарон ба таҳсил, иштироки фаъолонаи онҳо дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ, ба роҳ мондани корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастӣ дар замири онҳо, ҳифзи марзу буми Ватан дахл намуданд.

Таъкид шуд, ки ҳадаф аз мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвияти робитаи мустақим байни вакил ва интихобкунанда мебошад. Дар вохӯрӣ ҳамчунин дар бораи дастовардҳо ва пешрафтҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи 21- соли соҳибистиқлолӣ ба даст овардааст, изҳори назар карда шуд.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия ва ба воя расонидани мутахассисони баландихтисос аз ҳисоби ҷавонони болаёқатро омили асосии инкишофи соҳаҳои гуногуни кишвар арзёбӣ карда, ҳамзамон зикр намуданд, ки рушди ҳамаи соҳаҳо, пеш аз ҳама, ба тарбияи дурусти ҷавонон дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ ва соҳибмаълумот будани онҳо алоқамандии зич дорад.

Намояндагони халқ аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ дар бахши ҷавонон ёдовар шуда, изҳор доштанд, ки махсусан таҳти роҳбарии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон тайи солҳои охир ба ҷавонон ва ояндаи онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида истодааст ва дар ин замина барнома ва консепсияҳо таҳия ва қабул шуда истодааст, ки ин барои боз ҳам беҳтар шудани шароити зисту таҳсили ҷавонон мусоидат менамоянд. Ҷавонон ба ин ғамхориҳо бояд бо рафтори намунавӣ, ахлоқи ҳамида ва таҳсили хубу аъло посухи сазовор диҳанд.

Намояндагони халқ ҳамчунин бо интихобкунандагони худ дар шаҳраки Ҳисор, деҳоти «Деҳқонобод», «Дурбат», «Навобод», «Ориён», «Шарора», муассисаҳои таълимиву тиббӣ вохӯриҳо анҷом хоҳанд дод. Мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагони худ дар дигар шаҳру ноҳияҳо идома дорад.

*Дилшодаи ХАЙРУЛЛО, АМИТ «Ховар»*

# Ҷаласаи кории Раиси шаҳри Душанбе

**8 сентябри соли 2012 дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷаласаи кории Раиси шаҳр бо иштироки сохторҳои масъули шаҳрӣ, мақомоти марбутаи ҳифзи ҳуқуқ, Хадамоти оташнишонӣ, Маркази назорати давлатии санитариву эпидемиологӣ, Сарраёсати меъморию шаҳрсозӣ, Кумитаи заминсозӣ ва директорони тамоми бозорҳои дар марзи шаҳри Душанбе фаъолияткунанда, сарфи назар аз шакл ва тобеияти идоравиашон, баргузор гардид.**

Дар ҷаласа масъалаи ҳолати зиддисӯхтории иншоот, пеш аз ҳама, бозорҳои хизматрасон дар марзи шаҳр мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Маҳмадсаид Убайдуллоев ба масъулин дастур дод, ки алоҳида тибқи дастурамал ва низомномаҳои хизматӣ, ки аз талаботи қонунгузории кишвар сарчашма мегиранд, санҷиши сартосарии бозорҳоро оид ба мутобиқат ба ҳолати зиддисӯхторӣ, санитариву эпидемиологӣ ва меъморию шаҳрсозӣ ба анҷом расонанд.

Дар сурати муайян кардани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои ҷойдошта, то аз ҷониби роҳбарияти бозор бартараф кардани онҳо, баҳри таъмини амнияти соҳибкорон ва муштариёни бозорҳо фаъолияташонро муваққатан боз доранд.

Баъди анҷоми ҷаласа мулоқоти Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев бо соҳибкорони ҶДММ «Бозори Корвон» сурат гирифт.

Раиси шаҳр ин навбат 91 нафар соҳибкорони ҶДММ «Бозори Корвон»-ро бо иштироки ҳайати Комиссияи бонуфузи баҳри баррасии қазияи сӯхтор аз ҳисоби сохторҳои ҷумҳуриявию шаҳрӣ таҳти роҳбарии муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидов созмонёфта ба ҳузур пазируфт.

Зикр гардид, ки тибқи муқаррароти қаблӣ ҳудуди бар асари сӯхтор харобгардидаи бозори яклухтфурӯшии ҶДММ «Бозори Корвон» сад дар сад аз ҳисоби маъмурияти бозор барои идомаи фаъолияти соҳибкорон дар муҳлати як моҳ барқарор карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон муҳлати баргардонидани қарзҳои соҳибкоронро аз ҳисоби бонкҳои қарздода ду маротиба тамдид менамояд ва дар муҳлати панҷ сол роҳбарияти бозор соҳибкорони зарардидаро аз пардохти ҳаққи иҷора озод месозад. Иҷрои супориши мазкур ба таври қатъӣ зери назорати шахсии Раиси шаҳр қарор дорад.

Илова бар ин, соҳибмулки ҶДММ «Бозори Корвон» Нуршед Машрабов уҳдадор карда шуд, ки ҳаққи иҷорапулии моҳи сентябр пардохтнамудаи соҳибкорони зарардидаро бозпас гардонида, барои гирифтани қарзи бефоизи солона аз бонк ба соҳибкорони зарардида ба маблағи аз 500 то 1000$ чораҷӯйӣ мекунад ва барои дар муҳлати як моҳ барқарорсозии бозор фаъолияти шабонарӯзии сохтмонҷиёнро ташкил менамояд.

Ҳамчунин ба Комиссияи марбута дастур дода шуд, ки ҷиҳати дар муҳлати муқарраргардида тибқи талаботи қонунгузорӣ баррасии қазия ва муроҷиати соҳибкорон ҳамарӯза аз соати 10 дар ҳудуди ҶДММ «Бозори Корвон» фаъолияти ситоди дахлдорро ташкил намоянд.

*Ш. САИДОВ, котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе*

**● Мо ва муҳити зист**

# Хабарнигори «Садои мардум» - ғолиби озмун

Дар оғози соли ҷорӣ Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва ҳавасмандии рӯзноманигорон ҷиҳати ташвиқу тарғиби ҳифзи муҳити зист ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти экологӣ дар байни кормандони воситаҳои ахбори омма таҳти унвони «Табиати тоза- кафолати солимии ҷомеа» дар мавзӯъҳои гуногуни экологӣ озмун эълон карда буд.

Дар арафаи ҷашни 21-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон озмуни мазкур ҷамъбаст гардид. Аз рӯйи маводи беҳтарин дар бахши матбуот хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» Бурҳониддин Каримзода ғолиб ва сазовори ҷойи аввал дониста шуд.

Ҳайати бонуфузи Кумитаи тадорукотии озмун силсиламаводҳои Б. Каримзода -«Экспертизаи экологӣ -омили муҳими пешгирии таъсири манфии экологӣ», «Моҳии Кофарниҳон ғорат мешавад», «Тазарви зебо ва кабки хушилҳон дар «Бешаи палангон», «Ахбори экологӣ ба ҳама дастрас аст», «Чангу ғубор ба ҳамсоя намерасад» (оид ба вазъи экологии атрофи КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик»), «Вазъи экологӣ пуршиддат мегардад» ва ғайраро беҳтарин ҳисоб кард. Дипломи ғолибиятро дар ҳузури роҳбарияти кумита ва ҷамъи мутахассисону журналистон раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Салимов ба ғолибон супорида, изҳори боварӣ кард, ки дар оянда низ кормандони воситаҳои ахбори омма дар баррасии масъалаҳои муҳити зист ва баланд бардоштани маърифати экологии мардум бештар саҳм мегузоранд.

Ҳамзамон ёдрас мешавем, ки Б.Каримзода дар озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология, ки Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуда буд ва даври аввали он 25 июни соли равон ҷамъбаст гардид, бо ишғоли мақоми аввал сазовори мукофоти таъсисдода шуд.

*Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»*

# Ҳамкорҳо вусъат меёбанд

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА Нуриддин Шамсов бо муовини мудири Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) Мин Зу дар Вашингтон мулоқот намуд.

Зимни мулоқот Н. Шамсов ба Мин Зу оид ба вазъи имрӯзаи молиявӣ ва макроиқтисодии Тоҷикистон маълумоти муфассал дод.

Мин Зу дар навбати худ иқдоми ҷониби Тоҷикистонро барои ҳамкории самарабахш ва татбиқи амалии ислоҳоти сохторӣ ҷиҳати боло бурдани квотаи кишвар дар ХБА ҳамчун дастоварди назаррас арзёбӣ карда, тазаккур дод, ки ХБА омода аст то ҳамкорӣ ва кӯмаки амалиашро ба Тоҷикистон идома диҳад. Мин Зу илова кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, ки чунин ислоҳоти муҳимро татбиқ кардааст. Дар ин бора аз Вазорати корҳои хориҷии кишвар иттилоъ доданд.

*Мавҷуда АНВАРӢ, АМИТ «Ховар»*

● Дар партави Паём

# Тарзи нави хизматрасониро ҳаёт тақозо мекунад

Дар ҳар ҷомеа табақаҳои алоҳида муҳтоҷи дастгирии доимӣ ҳастанд. Ба онҳо гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, маъюбон, ятимон, нафақахӯрон ва ғайра шомиланд. Кормандони соҳаи иҷтимоӣ бояд дастгирӣ, кӯмак ва хайрхоҳӣ нисбат ба чунин гурӯҳҳоро ба таври доимӣ ташкил кунанд.



Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Сиёсати иҷтимоии давлат чун солҳои пешин ба таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробари рушд равона карда шудааст».

Бо мақсади фароҳам намудани фазои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ дар робита ба ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо», «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон» ва «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд.

Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ноҳияи Ҳисор, ки баъди таҷдиди сохтор аз 2 апрели соли 2012 ба фаъолият шурӯъ намуд, самти кори худро дар ҳамин рӯҳия ба роҳ мондааст. Сардори раёсати мазкур Аҳрор Шарипов зимни сӯҳбат иброз намуд, ки муносибат бо ин гуна табақаи аҳолӣ аз мо, кормандони раёсат, масъулияти зиёдро тақозо менамояд, зеро мизоҷони мо аксаран пиронсолон, гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ, маъюбон ва ятимонанд. Зикр кардан зарур аст, ки баҳри тақвият додани ҳифзи иҷтимоии маъюбону пиронсолон аз тарафи раёсат кори муайян ба анҷом расонида мешавад. Фаъолияти идораи мо солҳои пеш таҳлили кори хизматрасонии шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоиро дар бар мегирифт. Баробари ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутахассисони раёсат корро тибқи талаботи қонуни мазкур ба роҳ монданд. Ҳуҷраҳои қабули нафақагиронро омода сохта, оид ба тарзи нави хизматрасонӣ - истифодаи кортҳои пластикӣ бо онҳо сӯҳбатҳо доир намуданд. Ноҳияи Ҳисор аз ҷумлаи 13 шаҳру ноҳияи таҷрибавии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ояндаи наздик пардохти нафақа тариқи кортҳои пластикӣ барои нафақагирон ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, барои гузаштан ба тарзи нави корбарӣ, таъмини саривақтии маблағҳои нафақавӣ ва рафъи омилҳои коррупсионӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷараён дошта, нафақагиронро аз қайди Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ноҳияи Ҳисор гузаронидем.

Айни замон дар ҳудуди ноҳия 17650 нафар нафақагирон зиндагӣ мекунанд. Ба аҳолӣ 15 оҷонсии БДАТ «Амонатбонк» дар маҳалҳо хизмат мерасонад. Ояндаи наздик дар ин оҷонсиҳо POS – терминалҳо гузошта мешавад, ки нафақагирон метавонанд аз онҳо истифода баранд. Нафақагир метавонад бидуни дахолати кормандони бонк аз хизматрасониҳои муқаррараргашта мустақилона истифода барад. Ҳамчунин насби банкоматҳо дар маркази ноҳияи Ҳисор барои хизматрасонии сокинон мадди назар аст.

- Дар ҳудуди ноҳия ба ғайр аз БДАТ «Амонатбонк» дигар бонкҳои саҳомӣ низ дар пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт саҳм мегузоранд. Дар сурати доштани шартномаҳои ҳамкории байни бонкҳо нафақагирон метавонанд аз хизматрасонии банкоматҳои дигар бонкҳо истифода баранд, - мегӯяд ҳамсӯҳбатамон.

Ба хотири таъмини саривақтии хизматрасонии иҷтимоӣ ва беҷавоб намондани муроҷиати сокинони ноҳия оид ба нафақа дар рӯзҳои истироҳат навбатдорӣ ташкил шудааст, ки корафтодагон метавонанд ба суолҳои худ посух гиранд.

Ҳар сол барои хубтару беҳтар ба роҳ мондани кори хизматрасонии иҷтимоӣ роҳҳои гуногун коркард мешаванд. Тавре маълум аст, дар назди факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин як кафедра кушода шуд, ки ба тайёр кардани кадрҳои кори иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Мудири кафедраи мазкур, номзади илми ҷомеашиносӣ Далер Баҳромбеков иброз медорад, ки кормандони иҷтимоӣ бояд дар дастгирии табақаҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ: маъюбон, ятимон, нафақагирон ва гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ саҳмгузор бошанд. Бинобар ин, кафедра бо кӯмаки Институти «Ҷомеаи кушода»-и Бунёди Мадад Маркази захиравии тайёрнамоӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро ташкил намудааст, ки метавонанд мутахассисони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дониши худро дар ин ҷода такмил бидиҳанд. Дар ин мавзӯъ аллакай 22 барномаи таълимӣ ва китоби «Муқаддимаи кори иҷтимоӣ» ба нашр расидааст ва масъулини кори соҳаи иҷтимоӣ метавонанд аз он васеъ истифода баранд.

Хуб мебуд, дар ин ҷода Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ноҳияи Ҳисор бо кафедраҳои кори иҷтимоӣ ва сотсиологии назди факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамкориро ба роҳ мемонд.

Дар давраи нимсолаи аввали соли 2012 дар ҳудуди ноҳия 2468 ташкилоту муассиса, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба қайд гирифта шудаанд. Аз ҳисоби онҳо ба буҷети раёсат 358,8 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки 114,9 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Баъзе ташкилоту муассисаҳо, алалхусус корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, аз Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба миқдори 200 ҳазор сомонӣ қарздор мебошанд. Дар корхона ва хоҷагиҳое, ки аз ҷониби Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ноҳияи Ҳисор ба қайд гирифта шудаанд, 19,4 ҳазор нафар коргарон бо рақами индефикатсионии суғуртавӣ таъмин шудаанд. Мутахассисони соҳа ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки баҳри таъмини вазифаҳои ба зиммаашон вогузоршуда аз тамоми имконият самаранок истифода намоянд.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ***

# ИСТИҚЛОЛИЯТ РИСОЛАТИ СОЗАНДАГӢ ДОРАД

Омодагӣ ба истиқболи ҳама гуна ҷашнҳо дар қалби инсон эҳсосоти гарму латиф ва гувороро бедор намуда, онҳоро ба сӯйи оянда роҳнамоӣ мекунад, зеро тантанаи ҷашну маъракаҳо маънии барқарории сулҳу субот ва тинҷиву осоиштагӣ дар ҷомеаро дошта, нишон аз некуаҳволию қадршиносии одамон мебошад. Маҳз таҷлили санаҳои хотирмони рӯзгорамон аст, ки дар вуҷуди мо умед ба оянда ва фардои дурахшон бедор гардида, моро барои кору амалҳои некро анҷом додан талқин менамояд.

Дар 21 соли Истиқлолият Тоҷикистон қадамҳои устуворе ба сӯйи ҷомеаи мутараққии ҷаҳон гузошта, бо садҳо давлату кишварҳои дунё робитаи дипломатӣ барқарор намуда, муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию маданиро ба роҳ монд.

Дар ин муддат пойтахти тоҷикон - шаҳри Душанбе, калонтарин марказу шаҳрҳои аҳолинишини вилоятҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ симои худро ба куллӣ дигар карданд. Қомат афрохтани биноҳои маъмурӣ, муассисаҳои илмию фарҳангӣ, таълимӣ, толорҳои варзишӣ, биноҳои истиқоматӣ ва иншооти саноатӣ шаҳодати он аст, ки мо миллати созандаву бунёдкор ҳастем ва метавонем ватанро обод гардонем.

Истиқлолият бо осонӣ ба даст наомад. Дар аввалин лаҳзаву фурсати амалӣ сохтани ормонҳои мардум, мушкилоту даргириҳои сиёсӣ пешорӯйи роҳбарияти давлату Ҳукумат ва мардуми худогоҳу ватандӯст қарор гирифт. Қувваҳову гурӯҳҳои манфиатҷӯй, ки ободию озодӣ ва шукуфоии миллату давлати тоҷиконро намехостанд, бо кӯмаку дастгирии зархаридони хориҷӣ Тоҷикистон ва мардуми онро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд, ки дар натиҷа садҳо нафар ҷони худро аз даст доданд ва ба хоҷагии халқ миллиардҳо сомонӣ зарари моддӣ расид.

Маҳз заковати олӣ, ақлу фаросат ва талошҳои мардуми ватанхоҳу ватанпарвар буд, ки зери сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳама даргириҳою кашмакашиҳои бемаънӣ хотима гузошта шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ҳадафҳои стратегии худро бобати рушду тараққиёт ва пешбурди соҳаи саноат ва иқтисодиёту иҷтимоиёт возеҳу равшан баён намуда, то имрӯз ба муваффақиятҳои калон ноил гардид. Садҳо корхонаҳои хурду калони саноатӣ ва энергетикӣ бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтанд, ки имрӯз маҳсулоти ватаниро истеҳсолу коркард менамоянд.

Натиҷаи татбиқи босамари барномаҳои ислоҳотӣ дар соҳаи кишоварзӣ, боғу токпарварӣ ва дигар самтҳо буд, ки ҳазорҳо гектар заминҳо ва талу теппаҳои бекорхобида киштукор гардида, ба боғу токзор табдил дода шуданд.

Вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар қонунгузории мамлакат як қатор тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки имрӯз шаҳрвандон барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз он истифода мекунанд.

Ҳамчун корманди мақомоти судӣ гуфтаниам, ки дар доираи ислоҳоти конститутсионӣ солҳои охир ба фаъолияти ҳокимияти судӣ тақвият бахшида шуд. Дар ин давра як силсила кодексу қонунҳо ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо, ки ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона шудаанд, аз қабили кодексҳои мурофиаи гражданӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳо «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуданд, ки ба таҳкими ҳокимияти судӣ мусоидат намуданд.

Соли 2007 бо мақсади такмил додани асосҳои ҳуқуқии ҳокимияти судӣ «Барномаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ» қабул карда шуд, ки дар рушду такомул ва устувории ин рукни мустақили ҳокимият нақши сазовор дорад.

Боварӣ дорам, сокинони мамлакат дар фазои сулҳу субот ва оромӣ ҳамчун як миллати соҳибтамаддун муттаҳид гардида, барои шукуфоию ободии ватани азизамон самаранок меҳнат мекунанд ва фардои хешро аз имрӯз зеботару дурахшонтар менамоянд.

***Фурқат ҶАББОРОВ,***
***судяи Суди ноҳияи Фирдавсӣ***

Рисолаи таърихнигори маъруфи тоҷик -профессор Усмонҷон Ғаффоров бо номи «Сайдулло Хайруллоев», ки чанде пеш аз тариқи нашриёти «Адиб» дар ҳаҷми 512 саҳифа бо сифати баланд аз чоп баромад, на танҳо зиндагинома, симои барҷастаи сиёсиву давлатӣ, собиқадори маъруф, нахустин Раиси Парламенти касбии Тоҷикистони соҳибистиқлол Сайдулло Хайруллоевро дар бар мегирад, балки ин асарро метавон қомуси таърихи кӯҳану нави Раштонзамин номид.

Оре, зиндагиномаи шахсиятҳои маъруф қомуси мукаммали давраҳои муайяни таърихи миллат аст. Тарҷумаи ҳоли ин гуна шахсон мисли миноест, ки паҳнои хеле дурро равшан мекунад, мисли қатраборонест дар шохаи сабзи ҳаёт, ки ҷамодоту зуҳуроти атрофро дар худ аксандоз мекунад, ниҳоят мисли каҳрабоест, ки ҳар масдари ҷавҳари филиздоштаро ба худ мекашад.

ва моҳирона аз мушкилӣ мебарорад.

Ин ҷасорат, пофишорӣ ва устувории Раис аз куҷо сарчашма мегирад? Чаро гоҳо ӯ синаро сипар карда, ба ҳимояи ин ва ё он муқаррароти қонун мебарояд? Ва чаро аз шӯру қиём, норозигию эътирози гурӯҳе аз вакилон наҳаросида, пешниҳодашонро рад менамояд?...».

Китобе, ки дӯсти киромии ман, олими шинохтаи тоҷик Усмонҷон Ғаффоров иншо намудааст, на танҳо чеҳраи сиёсии Сайдулло Хайруллоевро ҷилвагар кардааст, балки ӯро ҳамчун инсони заминии ба ҳама дардҳои зиндагӣ гирифтор ба тасвир овардааст.

Ҳақ ба ҷониби устод Гулназар аст. Муаллими азизи ман Усмонҷон Ғаффоров дар офариниши ин рисолаи гаронбаҳо басо заҳматҳо кашидаю дар ниҳоят ба комёбӣ ноил шуда, асари арзишмандеро пешкаши хонандагон намудааст.

шуда тавонад, ҷараёни ҳаёти пурҷӯшу хурӯши мӯҳтарам Сайдулло Хайруллоев метавонад навиcандаи соҳибистеъдодро ба офариниши романи олиҷаноб илҳом бубахшад».

Ин рисолаи пурарзиши Усмонҷон Ғаффоров баъди омӯзиши беш аз панҷ ҳазор мавод ва таҳлилу таҳқиқоти зиёде ба дасти хонанда расид ва хушбахтона, маҳсули заҳматҳои шабонарӯзии ӯ ана ҳамин асари арзишманд аст, ки мо дар даст дорем.

Муаллифи рисола дар бораи фарзандони баруманди водии Рашт, ки дар рушди Тоҷикистони азиз саҳм гузоштаанд ва бисёр родмардони миллати тоҷик аз дигар манотиқи мамлакат, ки бо Сайдулло Хайруллоев дӯстию ҳамкорӣ доштанд, маълумоти муфассал додааст.

Чунончӣ: «Мегӯянд, ки боғро бо дарахтони сарсабзу серҳосил ва хуштаъму хушлаззат мешиносанду диёрро бо фар-

бо тавсия ва дастгирии С.Хайруллоев осори мунтахаби яке аз донишмандони машҳур, вале ҳанӯз хуб муаррифинашуда -Мавлоно Ҷомии Сонӣ бо номи «Осори мунтахаб» бо ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ ва ҳам бо ҳуруфи кириллӣ чоп шуд…

Муаллифи нуктасанҷи рисолаи «Сайдулло Хайруллоев» оид ба осору рӯзгори орифи маъруф -Шайх Абдулҳайи Муҷихарфӣ чунин навиштааст: «Рӯзи 23 апрели соли 2005 мо якҷоя бо С.Хайруллоев чун ҳамеша аз ҳаёти таърихию адабии ниёгонашон сӯҳат мекардем. Ҳини сӯҳбат аз ман пурсид, ки оё аз асарҳои Абдулҳайи Муҷихарфӣ бохабар ҳастам ё не?- Сад дареғо, ки чунин шахси бомаърифат соли 1931 бо тӯҳмат ба қатл расонда шудааст,- гуфт ӯ. Дар Маскав чанде пеш бо сифати баланд «Муфиз-ул-анвор» ва «Девони ашъор»-и ӯ нашр шудааст. Китоб бо эҳтимоми як зумра мухлисони шоир омода гардидааст. Дар

● Китобиёт

# ҚОМУСИ ТАЪРИХИ КУҲАНУ НАВИ РАШТОНЗАМИН

Ин аст, ки асар чун қомуси акскунандаи таърихи куҳану навини Раштонзамин ва тамоми водии мазкур, равшаниандозанда ба саҳифаҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, инчунин зиндагиномаи инсонҳои шариф, родмардони наҷиб, аҳли заҳмату зиё, ранҷҳои басарбурдаву зиндагисозии эшон падид меояд.

Дар оғози китоб муроҷиати сиёсатмадори маъруф, нахустин Раиси Парламенти касбии Тоҷикистон Сайдулло Хайруллоев ба хонандагон дарҷ шудааст, ки он сар-шори насиҳату раҳнамоӣ ба сиёсатмадорони ҷавон аст. Чунончӣ: «Вақти боло рафтан бо нардбони вазифа ба ҳар зина, ки расидам, нагуфтам: «О, чӣ омад кард корам!» Балки болои ҳар зина меандешидам: «Дар ин пойгоҳ чӣ корҳоро метавонам анҷом диҳам?» Ба зинаи болотар баромада, боз ҳамин саволро медодам. Вақте дар ниҳоят ба дараҷае расидам, ки суханам ҳарфи қонун мешуд, нагуфтам: «О, чӣ қудрате маро насиб гаштааст!», балки мегуфтам: «Ин қонунҳое, ки қабул мекунем ё тағйироте, ки ба қонунҳои мавҷуда ворид менамоем, ба халқам чӣ сабукӣ, чӣ пешомад ва чӣ рифъату роҳат хоҳад овард». Ва ин фурсати дастдодаро боз ба чӣ амалҳои нек равона созам, чӣ амалҳои наҳӣ диҳам, ки бар нафъи мардум ва Ватани маҳбуб бошад? Агар ба сафарҳо мерафтам, пешорӯйи сарони кишварҳо, аъзои парлумонҳо ва мардумони ғайр меистодам, меандешидам: «Суханам чӣ арзишу чӣ таъсире дошта метавонад, овозам то куҷоҳо мерасад...».

Лекин ҳар қадаме, ки мениҳодам, мегуфтам: «Ин қабулу пазироиҳо, ин гирудору тапиданҳо раванди зиндагиро чӣ таҳаввул медиҳанд, барои миллат чӣ беҳбудӣ меоваранд?»

Дар оғози китоб ҳамчунин мақолаи пурмуҳтавои Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ таҳти унвони «Рӯзгори ибратомӯз» ба табъ расидааст. Шоири маъруфи тоҷик устод Гулназар, аз ҷумла чунин навиштааст: «Солҳое, ки ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Сайдулло Хайруллоев ба қонунофаринӣ машғул будем, ҳеҷ гоҳ аз ёдам намераванд. Лаҳзаҳое буданд, ки ба тасвиб расониданӣ ин ва ё он қонун ба бунбаст мувоҷеҳ мешуд. Вакилони зиёд ҳар кадом ақидаву андешаи худро дорад ва дар ибрози афкораш озод аст. Ман ҳамеша мушоҳида мекардам, ки Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаро пурдилона ва оқилона мебарад



Ин шоҳкории устод Усмонҷон Ғаффоров -рисолаи «Сайдулло Хайруллоев» дар дасти мост ва ин асар бори дигар аз маҳорати баланди қомуснигорию муҳаббати бепоёни муаллиф ба ҳама гӯшаю канори Ватан башорат медиҳад.

Усмонҷон Ғаффоров дар оғози рисолаи «Сайдулло Хайруллоев» басо хоксорона нигоштааст: «Баҳри навиштани зиндагиномаи ходими намоёни давлатӣ, инсони комил ва хоксор Сайдулло Хайруллоев як навиштаи профессор Атахон Сайфуллоев, ки дар мақолаи хеш «Арбоби барҷастаи давлатӣ» овардааст, барои ман неруи тоза баҳри омода намудани ин китоб гардид. Он ҷо оварда мешавад:

«Ман исми шарифи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдулло Хайруллоевро ҳамеша бо эҳтиром ба забон мегирам. Зеро ӯ ба ин мансаби хеле баланд якбора нарасидааст ва дар олами сиёсат низ шахси тасодуфӣ нест. Ӯ дар деги ҳаёт ҷӯшида, дар кӯраи зиндагӣ обутоб ёфта, аз мактаби рӯзгори халқ баҳраҳо бардошта, ҳамчун шахсияти пурдида ва таҷрибаомӯхта, наҷиб ва ибратбахш рушду камол ёфтааст. Агар зиндагиномаи ҳар як шахс як достон

зандони асилу донишманд, бунёдкору эҷодкораш, шахсиятҳои маъруфи ҷамъиятӣ ва хоксору ботавозуаш. Хурсандиовар аст, ки дар Раштонзамин онҳое, ки дар даврони ҳаёташон ва баъди он ҳам аз худ номи нек, осори нек боқӣ гузоштаанд, зиёданд. Имрӯз дар сар то сари кишвари азизамон – Тоҷикистон ва берун аз он зодагони Раштонзамин – Нусратулло Махсум, Мунавваршо Шогадоев, Тоҷиддин Исоев, Маҳмадулло Холов, Акбар Махсумов, Шодӣ Кабиров, Боқӣ Раҳимзода, Алӣ Хуш, Акобир Шарифӣ, Меҳмон Бахтӣ, Диловари Мирзо, Ҷумъа Қувват, Ҳоҷӣ Мурод, Ғаффор Ашӯров, Додихудо Саймиддинов, Ҷумъа Олимов, Ғиёсиддин Меъроҷов, Аъзам Азизов, Назрулло Сангинов, Абдусамад Самиев, Зафар Нозимов, Иброҳим Кобулиев машҳур ва соҳиби эҳтироманд.

Аз мутолиаи китоб бармеояд, ки ҳам қаҳрамони асар ва ҳам муаллиф донандаи хуби адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик мебошанд. Дар мавридҳои мувофиқ барои тақвияти мулоҳизот бисёр шоҳбайтҳо оварда шудааст, ки ба ҳусни асар ҳусни тоза зам мекунанд. Муаллиф дар боби «Дилбохтаи адабиёти Раштонзамин» қаҳрамони асарро барҳақ ҳамчун донанда ва мухлиси адабиёт ба қалам додааст. Шоири номӣ Шоҳидии Мавлавӣ, ки дар доираи адабии Рашт шуҳрати калон дошту аз пайравони Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ буд, то кунун дар олами адаб номаълум мондааст. Шоир аз худ дарвоқеъ асареро бо номи «Гулшани тавҳид» дар шакл ва пайравии «Маснавӣ» ба мерос гузоштааст, ки хушбахтона, чанд нусхаи он дар ганҷинаи Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ ва китобхонаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад. Мо имрӯз ба марди фидоии фарҳангу адаби ниёгон С.Хайруллоев садчанд аҳсану офарин ва дуруд мегӯ-ем, ки ин асар бо кӯшиши ӯ аз чоп баромад. Ё худ дар бораи боз як иқдоми неки дигари Сайдулло Хайруллоев ин ҷо нақл бояд кард. Он ҳам аз худшиносӣ ва хештаншиносии ин марди дурандеш шаҳодат медиҳад. Соли 2005

тарғиби осори ӯ шоирон Ҷумъа Қуввват, Низом Қосим, Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ, шодравон Амирбек Абибов саҳм гузоштаанд.

Дар бораи мақоми шоир Абдулҳайи Муҷихарфӣ С.Хайруллоев чунин гуфт: «Шоирро соли 1931 ба қатл расонданд ва сабаб ин аст, ки ӯ китобҳои динӣ мехонд ва дар шеърҳояш Қуръонро васф кардааст...»

Дар бораи Абдулҳайи Муҷихарфӣ баъди чанде маълумоти зимни китоби шоир гирифтаамро ба Сайдулло Хайруллоев нақл ва аз ҷумла таъкид намудам, ки: «Шоир муҳтаво ва қадри баланди осорашро худаш барҳақу одилона гуфтааст: «Саъдии вақтам ба маънӣ, Ҷомии даврон манам». Сухани маро С.Хайруллоев тақвият дода гуфт: «Усмонҷон, маро солҳои охир мероси ниёгон ба худ ҷалб карда истодааст. Дар асри XIX ва аввали асри XX як зумра олимони номӣ эҷод кардаанд, ки мутаассифона, дар бораи онҳо бо сабабҳои номаълум мо маълумот надоштем. Ҳамон навъе, ки то ба наздикӣ мо дар бораи Абдулҳайи Муҷихарфӣ маълумоти кофӣ надоштем»…

Дар ин рисолаи пурмуҳтаво Сайдулло Хайруллоев барҳақ чун як шахсияти ватандӯст, сиёсатмадори ҷасуру варзида, донандаи таърихи пуриftихори миллат, дӯстдори адабиёту санъати беш аз ҳазорсолаи тоҷик тасвир шудааст.

Хизматҳои Сайдулло Хайруллоев хусусан дар таҳкими Ваҳдати миллӣ хеле калон аст. Ӯ ҳамеша дар паҳлуи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон буд ва баҳри амалӣ гаштани сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат содиқона кӯшиш карда истодааст. Чунонки шоир гуфтааст:

***Ҳамсафи арзандаи сарвар туӣ,***
***Пешворо ҳамдаму ёвар туӣ.***
***Чун ту бояд ҳамдаме бар пешво,***
***То биёбад дарди мардумро даво...***
***Парлумони нав модари***
***миллат аст,***
***Ифтихору иқтидори миллат аст.***
***Чун хирадманд аст садри***
***парлумон,***
***Ҳар куҷо болост қадри парлумон.***

Ана ҳамин хизматҳои пурарзиш ба ӯ сарбаландию қадри баландаш дар назди миллат гаштаанд.

***Ҷумъа ҚУВВАТ,***
***шоир, узви раёсати Кумитаи сулҳ ва ризоияти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ШАРИФ САИД-ЛИДЕРИ ДОИРАИ СОҲИБКОРОНИ ЭКСПО

3 сентябри соли 2012 дар доираи Дуввумин намоишгоҳи ЭКСПО «Хитой –ЕвроОсиё» дар шаҳри Урумчи «Корхонаи кушодаи маҳсулоти сохтмонии Синсзян» маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба инкишоф додани ҳамкориҳои манфиатбахши тарафайн миёни давлатҳои иштирокчии ЭКСПО баргузор намуд.

Дар ин вохӯрӣ роҳбарон ва намояндагони Вазорати тиҷорат, дигар вазорату идораҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой, Раиси Парламенти СУАР, намояндагони мамлакатҳои иштирокчии ЭКСПО «Хитой-ЕвроОсиё», роҳбарони палатаҳои савдо ва саноат, намояндагони бахши тиҷорат ва воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

Аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба пешниҳод намудани Шариф Саид –раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин як вазифаи пурмасъулият, ки маънии ҳамраъйии дастаҷамъонаи доираи соҳибкоронро дорад, қобили таваҷҷуҳ аст.

Шариф Саид ба Кумитаи ташкилии ЭКСПО, Ҳукумати СУАР, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Вазорати тиҷорати Хитой, Департаменти тиҷорати СУАР ва ҳамаи ташкилотчиёни намоишгоҳ барои дар сатҳу касбияти баланд омода кардан ва гузаронидани ЭКСПО «Хитой-ЕвроОсиё» изҳори миннатдорӣ намуд.

ЭКСПО, ба андешаи Шариф Саид, майдони фаъоли муносибатҳо миёни минтақаҳои Хитой ва мамолики хориҷӣ, на танҳо ҷиҳати намоиш додани инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ, натиҷа ва ояндаи он, балки мақсад аз он мувофиқат намудан ба ворид кардани навигариҳо ва сатҳи маблағгузории мамолики ЕвроОсиё ва пайдо кардани сарчашмаҳои тақвият бахшидани ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ мебошад.

ЭКСПО «Хитой ЕвроОсиё» ба яке аз биржаҳои гуногунсоҳаи оғози ҳамкориҳои манфиатовари тарафҳо, ҷиҳати беш аз пеш тақвият бахшидани дӯстӣ, муносибатҳои неки мардуми мамлакатҳои мо табдил ёфтааст.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори ЭКСПО дар чунин сатҳи баланд, таҳти роҳбарии Сарвазири мамлакат Оқил Оқилов, шаҳодати муҳим будани он барои мамлакати мо мебошад. Ҳамсоягии мо аз тақдири неки мост ва мо аз ин фахр мекунем,- гуфт Шариф Саид.

Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарияти «Корхонаи кушодаи маҳсулоти сохтмонии Синсзян» изҳори миннатдорӣ намуда, зикр кард, ки Тоҷикистон аз назари воқеӣ ба ҳамкориҳои ояндаи Тоҷикистону Хитой нигариста, онро ҳамчун натиҷаи дӯстии ҳамсоягии нек маънидод мекунад.

-Мамлакатҳои мо муносибатҳои ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкориҳояшонро ҷиҳати ба даст овардани мақсадҳои дар наздашон гузошташуда оид ба тараққиёти бахшҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақаи ЕвроОсиё амалӣ хоҳанд кард,-изҳор дошт Шариф Саид.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»***


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Музоядаи №23-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул

12 октябри соли 2012 баргузор менамояд

1. Дегхонаи «Мопр-28»-и Корхонаи фаръии шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Хуҷанди КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», воқеъ дар шаҳри Хуҷанд бо нархи ибтидоии 350 000 сомонӣ.
2. Дегхонаи маҳаллаи №13-и Корхонаи фаръии шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Хуҷанди КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», воқеъ дар шаҳри Хуҷанд бо нархи ибтидоии 1000 000 сомонӣ.
3. Дегхонаи маҳаллаи №43-и Корхонаи фаръии шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Хуҷанди КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», воқеъ дар шаҳри Хуҷанд бо нархи ибтидоии 150 000 сомонӣ.
4. Дегхонаи «Беморхонаи вилоятӣ»-и Корхонаи фаръии шабакаҳои гармидиҳии шаҳри Хуҷанди КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», воқеъ дар шаҳри Хуҷанд бо нархи ибтидоии 150 000 сомонӣ.
5. Дегхонаи Иттиҳодияи истеҳсолии «Нобиноён»-и Корхонаи фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Конибодоми КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», воқеъ дар шаҳри Конибодом бо нархи ибтидоии 40 000 сомонӣ.
6. Дегхонаи Комиссариати ҳарбии шаҳрии «ГВК»-и Корхонаи фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Конибодоми КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», воқеъ дар шаҳри Конибодом бо нархи ибтидоии 35 000 сомонӣ.
7. Дегхонаи «РШГД»-и Корхонаи фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Рӯдакии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ бо нархи ибтидоии 150 000 сомонӣ.
8. Собиқ буғхонаи ҶСК «Тоҷиксемент», воқеъ дар шаҳри Душанбе бо нархи ибтидоии 90 000 сомонӣ.
9. Базаи сӯзишвории Корхонаи фаръии таъминоти моддӣ-техникии «Тоҷикэнергоснаб»-и Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», воқеъ дар шаҳри Душанбе бо нархи ибтидоии 1 200 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 тел: 221-73-74, 221-16-14 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

12 октября 2012 года проводит аукцион №23 по продаже недвижимости

1.Котельная «Мопр-28» Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», расположенного в городе Худжанд, стартовая стоимость 350000 сомони.

2.Котельная в махале №13 Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», расположенного в городе Худжанд, стартовая стоимость 1000 000 сомони.

3.Котельная в махале №43 Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», расположенного в городе Худжанд, стартовая стоимость 150000 сомони.

4.Котельная «Беморхонаи вилоятӣ» Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Худжанд, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», расположенного в городе Худжанд, стартовая стоимость 150000 сомони.

5.Котельная Производственного объединения «Нобиноён» Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Канибадам, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» расположенного в городе Канибадам, стартовая стоимость 40000 сомони.

6.Котельная Военного комиссариата «ГВК» Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» города Канибадам, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» расположенного в городе Канибадам, стартовая стоимость 35000 сомони.

7.Котельная «РШГД» Дочерного предприятия «Жилищно-коммунального хозяйства» района Рудаки, ГУП «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», расположенного в районе Рудаки, стартовая стоимость 150 000 сомони.

8.Бывщая кательная ОАО «Тоҷиксемент», расположенного в городе Душанбе, стартовая стоимость 90 000 сомони.

9.База горюче-смазочных материалов Дочерного предприятия материально-технического снабжения «Тоҷикэнергоснаб» ОАХК «Барқи Тоҷик», расположенного в городе Душанбе, стартовая стоимость 1 200 000 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр. Рудаки 44.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот вносится наличными в кассу Предприятия и безналичными на расчетный счет ГУП.

В случае победы на аукционе Покупатель вносит на счет Продавца комиссионнный сбор в размер 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник предложишый наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44, тел:221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Музоядаи №17-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда 27 сентябри соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Мансубият | Тамға | Соли барориш | Рақами давлатӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дамас | 1997 | 30-13 А 01 РТ | 1800 |
| 2 | | ВАЗ-21074 | 1999 | 15-45 А 01 РТ | 1562 |
| 3 | | ВАЗ-21074 | 2003 | 76-30 А 01 РТ | 3793 |
| 4 | Прокуратураи ш.Душанбе | ГАЗ-3102-12 | 1995 | 65-10 А 01 РТ | 983 |
| 5 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-2107 | 1996 | 35-65 А 01 РТ | 2210 |
| 6 | | ВАЗ-2106 | 1999 | 31-32 А 01 РТ | 3360 |
| 7 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-21063 | 1992 | 06-05 ДБА | 359 |
| 8 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-90 А 01 | 4125 |
| 9 | | ВАЗ-21310 | 2002 | 017 КН 01 | 2806 |
| 10 | | ГАЗ-2752 «Соболь» | 2000 | 016 КН 01 | 14040 |
| 11 | | НИСАН | 1990 | 44-38 А 01 | 4938 |
| 12 | | НИСАН | 1991 | 44-39 А 01 | 4938 |
| 13 | | НИСАН | 1992 | 44-40 А 01 | 4938 |
| 14 | | УАЗ-451 | 2000 | 029 КН 01 | 2014 |
| 15 | | КАМАЗ-53212 | 1999 | 109 ТС 01 | 25773 |
| 16 | | КАМАЗ-5511 | 1996 | 140 ТС 01 | 15000 |
| 17 | | КРАЗ-253 | 1996 | 118 ТС 01 | 15000 |
| 18 | | МТЗ-80 | 2000 | 27-16 ТЧ | 12062 |
| 19 | | ДТ-75 | 1992 | Б/Р | 5000 |
| 20 | | СК-5 «Нива» (Комбайн) | 1990 | Б/Р | 1800 |
| 21 | | Т-40 | 1987 | 053 ТС 01 РТ | 300 |
| 22 | ҶСК «Шабакаҳои барқии ш.Душанбе» | ГАЗ-33023-14 | 2005 | 86-80 В 01 РТ | 6686 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ 35, тел: 2-41-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи И.Сомонӣ 35, тел: 2-41-14**, ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**27 сентября 2012 года проводит аукцион №17 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении**

| п/н | Принадлежность | Марка | Год выпуска | Гос. номер | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан | Дамас | 1997 | 30-13 А 01 РТ | 1800 |
| 2 | | ВАЗ-21074 | 1999 | 15-45 А 01 РТ | 1562 |
| 3 | | ВАЗ-21074 | 2003 | 76-30 А 01 РТ | 3793 |
| 4 | Прокуратура г.Душанбе | ГАЗ-3102-12 | 1995 | 65-10 А 01 РТ | 983 |
| 5 | Агентство по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан | ВАЗ-2107 | 1996 | 35-65 А 01 РТ | 2210 |
| 6 | | ВАЗ-2106 | 1999 | 31-32 А 01 РТ | 3360 |
| 7 | Министерство юстиции Республики Таджикистан | ВАЗ-21063 | 1992 | 06-05 ДБА | 359 |
| 8 | Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан | ВАЗ-2107 | 1997 | 50-90 А 01 | 4125 |
| 9 | | ВАЗ-21310 | 2002 | 017 КН 01 | 2806 |
| 10 | | ГАЗ-2752 «Соболь» | 2000 | 016 КН 01 | 14040 |
| 11 | | НИСАН | 1990 | 44-38 А 01 | 4938 |
| 12 | | НИСАН | 1991 | 44-39 А 01 | 4938 |
| 13 | | НИСАН | 1992 | 44-40 А 01 | 4938 |
| 14 | | УАЗ-451 | 2000 | 029 КН 01 | 2014 |
| 15 | | КАМАЗ-53212 | 1999 | 109 ТС 01 | 25773 |
| 16 | | КАМАЗ-5511 | 1996 | 140 ТС 01 | 15000 |
| 17 | | КРАЗ-253 | 1996 | 118 ТС 01 | 15000 |
| 18 | | МТЗ-80 | 2000 | 27-16 ТЧ | 12062 |
| 19 | | ДТ-75 | 1992 | Б/Н | 5000 |
| 20 | | СК-5 «Нива» (Комбайн) | 1990 | Б/Н | 1800 |
| 21 | | Т-40 | 1987 | 053 ТС 01 РТ | 300 |
| 22 | ОАО «Электросети» г.Душанбе | ГАЗ-33023-14 | 2005 | 86-80 В 01 РТ | 6686 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14.**

Метод проведения: **английский.** Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ.

В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, город Куляб, улица И. Сомони 35, тел: 2-41-14**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН !

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2605/1 -1190 | Гимназияи Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Автобус барои Гимназияи Донишкадаи исломии Тоҷикистон | адад | 1 | 26.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2606/1 -1191 | Маркази миллии тиббии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Матрас 2,10 х 0,90 см, вазнаш 8 кг | дона | 281 | 24.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2607/1 -1192 | Комплекси давлатии «Коҳи Ваҳдат» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 24.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2608/1 -1193 | Хадамоти назорати давлатии байторӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 24.09.2012 соати $10^{00}$ |
| 2609/1 -1194 | Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 2.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2620/1 -1195 | Маркази ҷумҳуриявии бемориҳои дил | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 36 | 2.10.2012 соати $9^{30}$ |
| 2610/2 -742 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3, ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Мебел | номгӯй | 8 | 24.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2611/2 -743 | Беморхонаи марказии ноҳияи Варзоб | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Дастгоҳи рентгении 12п.6 | маҷмӯъ | 1 | 24.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2612/2 -744 | Шӯъбаи маорифи н. Синои ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 7 | 24.09.2012 соати $10^{00}$ |
| 2613/2 -745 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н. Фирдавсии ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Битуми роҳ | кг | 5000 | 24.09.2012 соати $10^{30}$ |
| 2614/3 -623 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии ошёнаи 2-юми бинои таълимии №1 | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2615/3 -624 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Мумфарш намудани роҳҳои автомобилгард | тибқи санади нуқсонӣ | | 14.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2616/3 -625 | Муассисаи давлатии «Маркази идораи Лоиҳаи бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони як адад чоҳи амудӣ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 2.10.2012 соати $9^{00}$ |
| 2617/3 -626 | Раёсати молиявӣ-иқтисодии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Тамдиди литсензияҳои антивирус ESET NOD32 Busines Edition | дона | 360 | 24.09.2012 соати $9^{00}$ |
| 2618/3 -627 | Шӯъбаи маорифи н. Синои ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмир намудани гурӯҳҳои корношоямгардидаи кӯдакистони №90-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.09.2012 соати $9^{30}$ |
| 2619/3 -628 | Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтани нимпайкара | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.09.2012 соати $10^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.



## «ГАЛЕГА-НОВА»- ДАВОИ НАВИ БЕЗАРАР БАР ЗИДДИ ДИАБЕТИ ҚАНД




Дар ҷаҳони муосир беморон кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми табобат то ҳадди имкон аз воситаҳои синтетикӣ камтар ва аз гиёҳу фитопрепаратҳо бештар истифода баранд. Охир воситаҳои кимиёвӣ як ҷойи касро шифо бахшад, ба ҷойи дигараш зарар мерасонад. Беҳуда нест, ки дар кишварҳои рушдкарда ба доруҳои кимиёвӣ танҳо дар сурати зарурати сахт рӯ меоранд (агар наркоз, воситаҳои сахттаъсир, таскинбахшҳои пурзӯр ва ғайра даркор шаванд). Инро ба инобат гирифта, Корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия воситаи универсалии босамареро дар шакли хурӯшаҳо бо номи «Галега-нова» коркард намудааст. Галега-нова барои

*-табобати бемории диабети қанди навъҳои 1-2 ва пайтаъсирҳои (осложнение) он;*

-таъсири диабети қанд ба чашмон, гурдаҳо, пойҳо;

-шаклҳои гуногуни фарбеҳӣ, бемории варикозӣ;

-тарбод (ревматизм) ва мафосил (подагра) истифода бурда мешавад;

-шахсони бо инсулин вобаста ҳам метавонанд истифода баранд.

Инчунин таъсири зиддисклерозӣ дошта, рагу пайвандҳоро мустаҳкам мекунад.

*Сатҳи глюкоза ва холестеринро дар хун паст мекунад*

Бо доруҳои кимиёвӣ барои муолиҷаи диабети қанд истеъмол намудани «Галега-нова», имкон медиҳад бамаротиб истифодаи доруҳои кимиёвиро кам намоед. Ҳангоми истифодаи «Галега- нова» шахси дардманд беҳбудию саломатиашро баръало ҳис хоҳад кард.

Истеъмол: дар як рӯз се бор, 1- қошуқчагӣ 20 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл. оби гарм омехта нӯшед.

***Давомнокии истеъмол -аз 30 то 90 рӯз.***

**Ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст.**

***Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.***

***Тел: шаҳри Душанбе: 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 927-49-33-47, 988-80-88-85.***

***Нархаш -то 40 сомонӣ.***

## «ПРОСТАДОНТ»- ТАЪСИРНОКИАШРО ВАҚТ ИСБОТ КАРДААСТ




Ёздаҳ унсури шифобахши табиии он таъсири зиддиилтиҳобӣ ва антисептикии баръало доранд.

Простатит бемории паҳншудае аст, ки мардони аз 25 -сола болоро ташвиш медиҳад.

Корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия фитопрепарати навтаринро бо номи «Простадонт» коркард намуд.

Дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:

-простатитҳои шадид ва бардавом;

-гипертрофия ва аденомаи ғадуди простата;

-атонияи ғадуди простата дар пасманзари простатити бардавом;

-бемориҳои гурдаҳо ва пешобдон;

-майли ҷинсиро зиёд, боҳро беҳ ва нутфарезии бармаҳалро хеле камтар мекунад;

-диурезро афзоиш медиҳад, тамоми ҷисмро боқувват месозад.

*«Простадонт»- давои табиии нотакрор бар зидди аденома ва простатити шадид.*

**Истеъмол 30 рӯз, як қошуқчагӣ, чор бор дар як рӯз бо 100 мл. оби ширгарм, 30 дақиқа пеш аз таом.**

**Шакли истеҳсол: 90 г.дурдоначаҳо дар қуттичаи пластикӣ. Нархаш- 40 сомонӣ.**

**Рақами қайд №001556.**

***Аз дорухонаҳо дастрас намоед.***

## «МАСКА» ВА «КОНЦЕНТРАТ» - БАР ЗИДДИ РЕХТАНИ МӮЙ

### (Малҳам барои мӯй)




Бори аввал дар Тоҷикистон воситаи ниҳоят самарабахши косметикии малҳам «Маска» (Балзам для волос «Маска») ва шампун бо номи «Концентрат», ки дар таркибашон ҷавҳари газна доранд, пешкаши мизоҷон гардид.

«Маска» ва «Концентрат» ғизогирии мӯйро беҳтар намуда, воситаи беҳамтои мустаҳкамии торҳои мӯй ва решаҳояш буда, ба инкишофи хеле тези онҳо мусоидат менамояд. Сабӯсак, хориш ва шахшӯлии мӯйро бартараф мекунад. Ба он ҷилои табиӣ бахшида, барои ҳамаи намудҳои мӯй муносиб аст ва истифодабариаш махсус рӯзҳои муайянро талаб намекунад.

Инчунин мӯйҳоеро, ки дар натиҷаи рангкунии бардавом, пӯшидани сарбанд ва истифодаи парикҳо рехтаанд, аз решаашон барқарор менамояд.

**ТАРЗИ ИСТИФОДАБАРӢ:**

«Маска»-ро ба пӯсти тозаи сар ва мӯйҳо молида, 5-6 дақиқа барои таъсиррасониаш нигоҳ дошта, сипас бо («Концентрат» ном шампун низ мешӯед, 3-5 дақиқа нигоҳ доред). Аз чорсола боло барои ҳамаи синну сол ва барои марду зан истифодабариаш мумкин аст.

Навъи барориш- 150 мл. дар тубик.Тел: шаҳри Душанбе 918-14-58-58; вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи он 927-49-33-47.

***Танҳо аз дорухонаҳо пурсон шавед.***


## МУЗОЯДА

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор манзили истиқоматии ба гаравгузошташударо, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Ҳофизи Шерозӣ, хонаи 2, ки ба қарздорон Шораҳимов Носир Файзович ва Шокиров Бахтиёр Фахриддинович тааллуқ дорад, 15 октябри соли 2012, соати $10^{00}$ бо тариқи музоядаи такрорӣ ба маблағи 121250 сомонӣ дар бинои Суди ноҳияи Ҳисор баргузор менамояд.

Хоҳишмандон метавонанд барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор, хонаи 5, бо телефонҳои 951-15-04-77, 8-313925331 муроҷиат намоянд.

## Барҳам мехӯрад

➢Раёсати таъминоти истеҳсолии ҶСК «Помирсохтмон» дорои РМА 700000537, воқеъ дар кӯчаи Карамшоев, хонаи 93-и шаҳри Хоруғи ВМКБ барҳам мехӯрад.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Раёсати механикии ҶСК «Помирсохтмон», дорои РМА 700000242, воқеъ дар кӯчаи Карамшоев, хонаи 93-и шаҳри Хоруғи ВМКБ барҳам мехӯрад.

Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Шаҳодатномаи бақайдгирии супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бо силсилаи U 19 №001456-и гумшуда, ки онро 18 августи соли 2010 Нозироти андози ноҳияи Восеи вилояти Хатлон ба ҶДММ «Боғбунёд» додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0107888 бо РЯМ 0430050665-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2008 ба Ҳусайнов Шоҳрух додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бо РЯМ 2110003345, силсилаи U 21 №002922-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 29 октябри соли 2010 ба ҶДММ «Шуҳрат ЛТД» додааст, эътибор надорад.

➢Патенти №0032544-и гумшуда бо РЯМ 0930010492, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор соли 2010 ба Султонов Олимҷон додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии силсилаи АД №0436173-и гумшуда, ки онро РБДА ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2010 ба автомашинаи тамғаи Опел «Вектра» бо рақами давлатии 92-99 АС 01 РТ ба шаҳрванд Шодиев Ризоқул Каримович додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли силсилаи А №016297-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №56 (собиқ мактаби миёнаи №90)-и ноҳияи Ҳисор соли 1990 ба Буриева Саломат Сафомидиновна додааст, эътибор надорад.

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров нисбати даргузашти

**ХОҲАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров нисбати даргузашти

**ХОҲАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Аҳли кормандони рӯзномаи «Садои мардум» ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бинобар даргузашти

**ХОҲАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 12 сентябри соли 2012, соати 18.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23842 нусха

Навбатдори шумора Н. Солеҳов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова